Ба Шӯрои дисертатсионии 6D.КОА-012
назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич дар мавзӯи «Таъмини кадрии савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст.**

Дар шароити гузаштан ба равандҳои нави рушди технология рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ба хусусиятҳои сифатии захирахои меҳнатӣ, қобилияти онҳо дар системаи ҷаҳонии тақсимоти меҳнат роҳбарии технологиро таъмин кардан бевосита вобаста аст. Дар шароити рақобати шадиди ҷаҳонӣ, рақамикунонии иқтисод, кӯтоҳ шудани давраи зиндагии касбҳо, паҳншавии шаклҳои ғайристандартии шуғл, фардикунонии траекторияи такмили ихтисос «аз нав ҷамъоварӣ» кардани унсурҳои кадрӣ, ки дар онҳо ба таври васеъ истифода мешаванд, бефоида аст. Ташаккули низоми оқилонаи қабули қарорҳои идоракунӣ, иқтидори меҳнатӣ ва таъминоти кадрӣ, ки такрористеҳсолкунии васеъи захираҳои инсониро таъмин мекунанд, шарти ҳатмии ноил шудан ва нигоҳ доштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ба назар мерасад.

Аз ин лиҳоз, муаллиф дуруст зикр намудааст, ки рушди босуботи савдои чакана ҳамчун зернизоми муҳими соҳаи савдо барои дурнамо ва ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоию иқтисодии он, дар қатори дигар омилҳои таъсиррасон, аз бисёр ҷиҳат аз таъминнокии соҳа бо кадрҳои салоҳиятнок вобастагӣ дорад. Маҳз ташаккули низоми самараноки таъмини кадрӣ ҳамчун заминаи татбиқи стратегияи рушди иқтидори кадрии савдои чакана имконият фароҳам меорад, ки самтҳои дарозмуддати рушди онҳо муайян шаванд, ҳадафҳо аниқ ва роҳҳои ноилшавӣ ба онҳо муқаррар гарданд. Ҳамаи ин тадбирҳо самаранокии соҳаи савдои чаканаро дар самти амалӣ намудани вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъмин ва барои рушди минбаъдаи онҳо заминаи устувор мегузоранд.

Бояд зикр намуд, ки дар тадқиқот аз вобастагӣ ба масъалаҳои ҳалталаби дар пешгузошташуда чунин усулҳои тадқиқот, аз ҷумла иқтисодӣ-оморӣ, абстрактӣ – мантиқӣ, монографӣ, ҳисобӣ-конструктивӣ, таҳлили оморӣ, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ва ғайра истифода бурда шуданд:

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он як қатор хулосаҳо ва як қатор тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти савдоли чакана пешниҳод гаштаанд. Инчунин, пояи назариявии таҳқиқоти мазкур метавонад ҳамчун замина ҳангоми

коркарди механизмҳои дастгирии давлатӣ ин намуди шуғлнокии аҳолӣ истифода гардад.

Дар баробари оне, ки автореферат ҷаҳатҳои мусбиро дорост, инчунин як қатор камбудиҳо ба назар мерасанд.

Масалан, дар саҳифаи 13-уми автореферат расми 3 (Савдо ҳамчун соҳаи иқтисодиёти миллӣ, намуди фаъолияти иқтисодӣ ва шакли меҳнати ҷамъиятӣ) хуб таҳия карда шудааст, аммо муаллиф хусусиятҳои меҳнати кормандони савдоро муфассал баён накардааст.

Эроди мазкур то андозае характери тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мантиқу сифати автореферат мусоидат менамояд.

Бояд қайд кард, ки дар умум автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар мавзӯи хело мубрам анҷом дода шудааст. Автореферати пешниҳодгардида ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
муовини ректор оид ба илми ДДМИТ — Сафаров Б.Г.

Имзои Сафаров Б.Г-ро тасдиқ менамоям

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ — Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ